Оё туро ба коре нафиристам, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) маро барои анҷоми он фиристода буд? Инки ҳеҷ муҷассамаеро боқӣ нагузорӣ ва ҳар қабри баландро дидӣ онро ҳамвор созӣ

Аз Абуҳайёҷи Асадӣ ривоят аст, ки гуфт: Алӣ ибни Абӯтолиб ба ман гуфт: Оё туро ба коре нафиристам, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) маро барои анҷоми он фиристода буд? Инки ҳеҷ муҷассамаеро боқӣ нагузорӣ ва ҳар қабри баландро дидӣ онро ҳамвор созӣ.
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ёрони худро мефиристод, то ҳар куҷо муҷассамае ҳаст онро аз байн бибаранд, муҷассама ҳар сурате аст, ки дар он чизи ҷондор тасвир шудааст, хоҳ он ба шакли ҳайкал бошад ё ба шакли дигар. Ҳар куҷо қабри баландро диданд онро ҳамвор кунанд ва биное, ки болои он аст хароб кунанд, ё онро ба андозае ҳамвор кунанд, ки на бештар аз як ваҷаб баланд бошад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5934